# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Юнусова Нафисахон Муродовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ба диссертатсия ва автореферати НАЗИРҚУЛОВ Тагаймурод Абдурасулович дар мавзӯи “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсии худро ба даст оварда, дар роҳи таҳкими арзишҳои демократӣ ба ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ рӯй овардааст.

Диссертатсияи Назирқулов Т.А. ба таҳқиқи масъалаи мубрам – технологияи муосири ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бахшида шудааст. Ҳаллу фасли проблемаи мазкур айни замон дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва коллективҳои омӯзгорӣ талаботу вазифаҳои наву ҷиддӣ гузошта, боз ҳам аҳамияти баландро касб карда истодааст, зеро муваффақият дар тарбияи насли муосири шоиста аз фаъолияти самарабахши онҳо вобастагии бузург дорад.

Вазифаи асосии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аз он аст, ки сифат ва самаранокии таҳсилот таъмин карда шавад, то ки инкишоф ва ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони оянда аз фанҳои мухталифи таълимӣ амалӣ гардонида шавад.

Дар ҷаҳони муосир дар фаъолияти таълимӣ диққати асосӣ ба баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии омӯзгор ва ташаккули маҳорати педагогии ӯ, ки талаботи ҳаёти имрӯза мебошад, равона карда мешавад. Аз нуқтаи назари муносибати инсонпарварӣ (гуманизм), шахсияти инсон, ташаккул ва инкишофи имкониятҳои эҳтимолии ӯ арзиши муҳимми соҳаи таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Барои натиҷабахш ба роҳ мондани ин раванд, муҳиммияти таҳқиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ба миён меояд. Дар ростои гуфтаҳои боло мавзӯи диссертатсияи номзадии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович мубрам ва айни муддао арзёбӣ карда мешавад.

Тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо бахшида ба пажуҳиши ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ дар омӯзиши технологияи ташаккули

ахлоқӣ то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ дар омӯзиши технологияи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ анҷом дода нашудааст. Масъалаи ҳамкории омӯзгорон бо донишҷӯён ҷиҳати истифодаи технологияи педагогӣ ва инкишофи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисӣ низ мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст. Беш аз ин, омӯзгорони босалоҳият барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла омӯзгорони донишгоҳҳои педагогӣ ва ташаккули шахсияти чунин омӯзгорон дар ҶТ масъалаи мубрами соҳаи маориф қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, коркарди нокифояи илмии нроблемаи мавриди баррасӣ зарурат ва аҳамияти интихоби мавзӯи “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ”-ро ба сифати рисолаи диссертатсионӣ ба миён гузошт.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар заминаи назария ва амалияи ташхиси педагогӣ симои зеҳнӣ ва иҷтимоии донишҷӯро оид ба рушду камолоти ӯ муайян месозад, шаклҳои самарабахши корро доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисӣ, тарбияи онҳо ва ягонагии ташаккули маърифати онҳоро дар суҳбатҳои тарбиявӣ, корҳои берун аз аудиторӣ, семинару машваратҳо ва ғайра таъмин менамояд.

**Мақсади таҳқиқот:** ошкор намудани асосҳои назариявӣ-методологии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва коркарди технологияи педагогии ташаккули он дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Предмети таҳқиқот:** роҳу усулҳои самараноки ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар ҷараёни омӯзиши фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

Бо назардошти мақсад, объект, предмет ва фарзияи илмии пешниҳодшуда **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян карда шуданд:

1. Муайян намудани баррасии проблемаи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар адабиёти педагогию психологии муосир.

2. Таҳлили мазмун ва таркиби мафҳуми «салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ» ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар низоми омодасозии касбию ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, инчунин имкониятҳои ташаккули он.

3. Дар амал санҷидани раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар таълими фанҳои тахассусии муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

4. Муайян намудани нақшу ҷойгоҳи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар заминаи фанҳои тахассусӣ.

5. Мақоми курси ҳамгирои «Забони муосири англисӣ ва муоширати ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгори оянда» дар ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ.

6. Коркарди тавсияҳои методӣ оид ба ташкили ҳамкории фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгор ва донишҷӯён дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ.

**Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфт:

- Моҳият ва сохтори ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.

- Имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди омӯзиши фанҳои тахассусӣ муайян карда шуданд.

- Роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди омодасозии касбии онҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард шуд.

- Вазифаҳои асосии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ҳангоми ташкили навъҳои гуногуни фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ва омӯзгор дар раванди таълими силсилаи фанҳои марбут ба забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мушаххас ва дақиқ карда шуданд.

- Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ бо далелҳои муътамади илмӣ коркард ва асоснок карда шуданд.

- Болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ҳамчунин ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ташхис дар асоси меъёрҳои когнитивӣ ва рефлексивӣ аз сатҳи пасту миёна ба сатҳи баланд баровардани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони оянда асоснок гардиданд.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсия.**

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки маводу натиҷаҳои ба дастоварда метавонад ҳамчун сарчашмаи асосӣ ба сифати таъминоти методӣ барои инкишофи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорон ва инчунин, ба сифати маводҳои иловагӣ дар омӯзиши фанҳои бахши педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд.

Тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯён ва маводҳои ташхисӣ метавонад барои ошкор намудани мушкилоти касбии омӯзгорон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва коркарди барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола аз 177 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст, ки 2 диаграмма ва 5 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Дар боби якуми таҳқиқот **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ»** масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда ба ҳайси таркиби ҳамгирои сифатҳои шахсияти омӯзгор, ҳамчун фарогири донишҳои ахлоқӣ, арзишҳо, идеалҳои ахлоқӣ ва принсипҳои азхудкардаи рафтори касбӣ таҳлилу таҳқиқ карда мешавад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, рушди маънавии шахсияти омӯзгори оянда дар шароите босифату мукаммал сурат мегирад, вақте ки ҷузъи аксиологӣ дар мундариҷаи омодасозии касбӣ-омӯзгорӣ муҳимтар аз ҳама бошад. Асоси ҷузъи мазкурро зарурати шиносоии омӯзгор бо фаъолияти методологӣ, назариявию амалӣ дар бораи арзишҳо, табиати онҳо, механизмҳои рушд ва усулҳои амалкард, инчунин дар бораи арзишҳои касбӣ-педагогие, ки омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ва худтакмилдиҳии шахсияти омӯзгори муосирро нишон медиҳанд, ташкил медиҳад.

Дар боби дуюми таҳқиқот **«Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ»** таҳлили сатҳи ибтидоии салоҳияти

фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ, ташаккули салоҳияти мазкур дар чаҳорчӯби раванди таълими халоқиятӣ ва зарурати коркарди низоми методие, ки барои дарёфти натиҷаҳои муносиб доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ пешниҳод карда мешавад.

Талилу таркиби диссертатсия муайян намуд, ки озмоишу татбиқи методикаи таҳиягардида дар чаҳорчӯби марҳилаи ташаккулдиҳии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ сурат гирифт, ки дар он 32 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва 198 нафар донишҷӯёни факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва факултети забонҳои романию германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иштирок намуданд.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Ҳамин тариқ, Назирқулов Т.А. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисолаи баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

**Эътимоднокии нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ** бо роҳи муносибати комил ба масъалаҳои салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯён, вусъати асоси таҷрибавӣ-санҷишии он, муносиб будан бо вазифаҳои ҷустуҷӯи илмӣ, таҷдиди натиҷаи таҳқиқоти дарёфтшуда дар вақтҳои гуногун дастрас гардид. Инчунин дараҷаи асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шудаанд; санҷиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия таъмин менамоянд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1. Хуб мешуд агар диссертант технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисиро дар муқоиса бо дигар забонҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таҳқиқ менамуд.
2. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва имлоию техникӣ вомехӯранд.
3. Рӯйхати адабиёти истифодашуда баъзан мувофиқи талабот мураттаб нагардидааст.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро то қадри имкон ислоҳ мекунад.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 12 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 7 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну мухтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки татбиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти ичрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Юнусова Нафисахон Муродовна

Имзои проф. Юнусова Н.М.
тасдиқ мегардад.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Э. Тавқиев

28.08.2020

Барои тамос:
ш.Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ 17, ДМТ
E-mail: nafisa48@mail.ru
Тел.: 907 97 48 07